آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

22 майи соли 2024
Чоршанбе
№ 40 (15051)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПЕШНИҲОДҲО ОИД БА СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

**_Президент Шавкат Мирзиёев 21 май бо тақдимот дар бораи фаъолият ва пешниҳодоти нави Маркази лоиҳаҳои тандурустӣ шинос гардид._**

Таълим ва тандурустӣ соҳаҳои иҷтимоии муҳим ва фарогир ба шумор меравад. Бо мақсади тезондани ислоҳот ва баланд бурдани самаранокии онҳо дар ин соҳаҳо лоиҳаҳои марбути коргоҳҳо ба вуҷуд оварда шуда буданд.

Аз он ҷумла, аз ҷониби Маркази лоиҳаҳои тандурустӣ, ки бинобар қарори марбути Президент аз 22 январи соли ҷорӣ ташкил гаштааст, пешниҳодот дар заминаи такомули ҳалқаи аввали тандурустӣ ва низоми ёрии таъҷилии тиббӣ, татбиқи бимаи давлатии тиббӣ ва мураттаб сохтани хариди доруворӣ коркард шуд.

Дар тақдимот ин самтҳо аз ҳар ҷиҳат таҳлил гардиданд.

Дар мамлакатамон ба соҳаи тиббиёт, ки бевосита ба сифати ҳаёт таъсир дорад, эътибори калон дода мешавад. Дар ҳафт соли охир ҳаҷми таъминоти молиявии низоми тандурустӣ аз 5,9 триллион то 33,5 триллион сӯм, яъне шаш маротиба афзуд. Бемористонҳо бо таҷҳизоти нав таъмин гардида, шифохонаҳои нав сохта мешаванд. Бо мақсади наздик сохтани соҳаи тандурустӣ ба халқ дар маҳалҳо муоинаҳои скрининг ба амал оварда мешаванд.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар ин соҳа ҳамагӣ 30 фоизи муроҷиати аҳолӣ дар ҳалқаи аввал ҳаллу фасл мегарданд. Табобати баъзе бемориҳо бо усули кӯҳна ба амал меоянд. Доираи вазифаҳое, ки хоҳарони шафқат метавонанд иҷро намоянд, маҳдуд гаштааст.

Бинобар ин дар асоси талаботи байналхалқӣ усули табобати ҳафт намуди чунин бемории маъмултарини имрӯза, аз ҷумла гипертония, бемориҳои ишемии қалб ва дигар бемориҳои доимии шуш, диққи нафас, диабети қанд, гепатит ва ғайра нав карда шуданд. То охири сол боз 300 протоколи клиникӣ таҷдиди назар мегардад. Чунин вазифаҳо мисли ба беморон таъин намудани муоинаҳои муқаррарӣ ва муолиҷаи ғайри медикаментоз аз духтурон ба ўҳдаи хоҳарони шафқат гузошта мешавад. Дар поликлиникаҳо ҳатти ҳаракати беморон ба тартиб андохта мешаванд, ки ин вақти интизориро барои қабул дар навбат кӯтоҳ менамояд.

Тавре ки маълум аст, се сол қабл аз ин дар вилояти Сирдарё ба сифати озмоиш системаи бимаи тиббӣ ба амал татбиқ гардида буд. Он бисёр камбудиҳои соҳаро фош намуд.

Ба иллати то ҳадди кофӣ рақамӣ нагардидани муассисаҳои тиббӣ низоми бима пурра фаъолият намекунад. Духтурон вақти бисёрро барои ҳисоботнависӣ харҷ менамоянд.

Бинобар ин вазифа гузошта шуд, ки дар Тошканд модели рақамисозии соҳа ба вуҷуд оварда шавад. Барои ин тамоми муассисаҳо бо компутер ва воситаҳои техникӣ муҷаҳҳаз хоҳанд гардид. То охири сол низоми «Поликлиникаи электронӣ» ва «Беморхонаи электронӣ» ба кор андохта мешаванд.

Пас аз иҷрои ин чорабиниҳо соли 2024 дар пойтахт механизми бимаи давлатии тиббӣ татбиқ мегардад. Ҳамзамон система аз ҳисоби андози умумие, ки шаҳрвандон мепардозанд, таъмин карда шуда, пардохтҳои иловагӣ аз аҳолӣ ситонда намешавад.

Дар доираи бимаи тиббӣ:

– ҷузви кафолатноки хидматрасонии тиббии бепули давлатӣ ва доруворӣ ҷорӣ мегардад;

– системаи равон кардани беморҳо ба мутахассисони соҳаи танг ва ё худ ба беморхонаҳо аз тариқи духтурони оилавии вобастакардашуда ташкил карда мешавад. Хидматрасонии бепули тиббӣ танҳо зимни риояи тартиби мазкур пешниҳод карда мешавад;

– доруворӣ дар доираи пакети кафолатнок ба аҳолӣ аз тариқи дорухона дар асоси ретсепти электронӣ барои табобати бемориҳои хеле паҳнгардида бепул пешниҳод мегардад.

Ҳангоми таҳлили низоми ёрии таъҷилии тиббӣ таъкид шуд, ки мушкилоти асосӣ бо вуҷуд надоштани таснифоти муроҷиат бинобар дараҷаи вазнинии беморӣ алоқа дорад.

Бинобар ин қарор дар бораи роҳандозии машварати духтурон нисбати беморон аз тариқи колл-марказҳои ёрии таъҷилӣ қабул гардид. Имсол дар Тошканд, соли оянда дар дигар минтақаҳо гурӯҳҳои парамедикҳо ва педиатрҳо ташкил мегарданд. Ходимони система бинобар ихтисосҳои духтур-мушовир, оператори таснифи даъватҳо ва фелдшерҳо-парамедикҳо боз омӯзонда мешаванд.

Дар тақдимот инчунин ба масъалаи ташаккули талаботи воқеӣ ба доруворӣ, хариди онҳо ва сари вақт расондан ба маҳал эътибори алоҳида нигаронда шуд. Доир ба такмил додани руйхати доруворӣ ва ҷиҳозҳои тиббӣ, ки дар асоси қарордодҳои бевосита харид мегарданд ва инчунин ба худи ҷараёни харид супоришҳо дода шуд.

Роҳбари давлат аҳамияти профилактикаи бемориҳо ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти одамонро барои саломатии худ аз тариқи васеъ пеш бурдани тарзи ҳаёти солим дар ҷамъият таъкид намуд.

**ЎзА.**

## РОҲБАРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА РУСИЯ МУЛОҚОТИ ТЕЛЕФОНӢ АНҶОМ ДОДАНД

**_21 май Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин мулоқоти телефонӣ анҷом дод._**

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанбаи Ўзбекистону Русия, таҳкими муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ва иттифоқӣ баррасӣ шуданд.

Раҳбарони Ўзбекистон ва Русия рафти татбиқи тавофуқотеро, ки дар натиҷаи мулоқотҳои сатҳи олӣ ба даст омадаанд, инчунин ҷадвали чорабиниҳои дуҷонибаи дарпешистодаро баррасӣ карданд.

Ба масъалаҳои вусъат додани гардиши мол, татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ байни корхонаҳои пешқадам ва пешбурди барномаҳои табодули фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла тавассути фаъол гардонидани робитаҳои байниминтақавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН БА САФОРАТИ ЭРОН ДАР ТОШКАНД ТАШРИФ ОВАРД

**_Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 21 май ба сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон ташриф оварда, ба мардуми дўсти Эрон дар робита ба ҳалокати фоҷиавии Президент Иброҳим Раисӣ ва ҳамроҳони ў бар асари суқути чархбол дар шимоли мамлакат изҳори ҳамдардӣ кард._**

Сарвари давлатамон дар Китоби тасаллият, ки дар ваколатхонаи дипломатӣ кушода шудааст, ҳамдардӣ ва тасаллияти самимӣ навишт.

Зимни суҳбати кӯтоҳ бо сафир Муҳаммадалӣ Искандарӣ роҳбари Ўзбекистон алоҳида таъкид кард, ки Президент Иброҳим Раисӣ арбоби барҷастаи давлатӣ ва сиёсӣ буда, дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими нуфузи байналмилалии Эрон, инчунин вусъат додани ҳамкории бисёртарафаи ба ҳамдигар фоидабахши байни мамлакатҳои мо саҳми бузург гузоштааст.

Як рўз пеш Президенти Ўзбекистон ба Пешвои олии динии Эрон Оятуллоҳ Алӣ Хоманаӣ барқияи тасаллият ирсол кард.

**ЎзА.**

*Супориши Президент – дар амал*

## ҲАРАКАТИ ПОЕЗДИ БАЙНИШАҲРИИ «НАМАНГОН — ЧОДАК — НАМАНГОН» БА РОҲ МОНДА ШУД

**_Дар бобати ба аҳолӣ қулай гардондани системаи нақлиёти мамлакатамон, наздик гардондани роҳ ва сабук кардани мушкили шаҳрвандон корҳои ба назар намоён анҷом дода мешаванд._**

Аз ҷумла, дар ҷараёни сафар ба Наманган 25-26-уми марти соли ҷорӣ Президент дастур дода буд, ки дар худи вилоят равуои байниминтақавӣ роҳандозӣ шавад. Бо мақсади таъмин намудани иҷрои ин вазифаҳо ва фароҳам овардани қулайӣ барои мусофирон бо ташаббуси Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзтемирйўлчи» ва ҳокимияти вилоят ҳаракати поезди байнишаҳрии рақами 6351/6352 «Намангон — Чодак — Намангон» ба роҳ монда шуд.

Ба ин муносибат дар тантанаи идона дар вокзали роҳи оҳани Намангон зери садои карнай фаъолони вилоят, зиёиён, ҷавонон ва намояндагони аҳли ҷомеа ширкат варзиданд. Муовини ҳокими вилояти Намангон Ботирҷон Нуриддинов, раиси шуъбаи вилоятии бунёди «Нуроний», сенатор Икромхон Наҷмиддинов таъкид карданд, ки солҳои охир ислоҳоти ҳамаҷониба бо ҳадафи арҷ гузоштан ба қадри инсон, ки таҳти сарварии Сарвари давлатамон татбиқ мегарданд, барои аз имрўз розӣ шуда, хушбахтона зиндагӣ кардани одамон хидмат мекунад.

Бояд гуфт, ки дар вилоят барои беҳтар намудани инфрасохтори роҳ ва сифати хидматрасонӣ ба мусофирон дар як қатор вокзалҳо корҳои амалӣ ба ҷо оварда мешаванд. Пайваста идома додани саъю кўшишҳо дар ин бобат баланд шудани дараҷаи хидматрасониро дар маҳалҳо таъмин мекунад. Иштирокчиёни чорабинӣ ба «аспҳои оҳанин» савор шуда, ба самти нави манзили таъиншуда нахустин сафари худро оғоз карданд.

— Мо аз дигаргуниҳои мусбате, ки солҳои охир дар мамлакатамон ба амал меоянд, худро хеле шоду хурсанд эҳсос мекунем. Дар солҳои аввали истиқлолият мисли имрўз имкониятҳо вуҷуд надошт, – мегўяд собиқадори меҳнати сокини Намангон Акмалхон Икромов. – Имрўзҳо таҳти роҳбарии Сарвари давлатамон ҳар як ҳадафи нек ба нафъи халқамон амалӣ мегардад. Ҳаракати нави қатораи байни Намангон ва Чодак мушкилоти зиёди ҳазорон ҳамватанони моро осон хоҳад кард.

Ёдовар мешавем, ки қатораи байнишаҳрии «Намангон – Чодак – Намангон» ҳар рўз тибқи ҷадвали мушаххас ҳаракат мекунад. Аз ҷумла, хатсайри таҳти рақами 6351 «Намангон – Чодак» аз истгоҳи роҳи оҳани марказии Намангон соати 08:10 ба ҳаракат даромада, соати 11:16 ба истгоҳи роҳи оҳани Чодак мерасад. Хатсайри №6352 «Чодак — Намангон» аз Чодак соати 19:20 ба роҳ баромада, соати 22:31 ба маркази вилоят мерасад.



**Оқилхон ДАДАБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Сурати ЎзА.**

## САБТИ ҲОЛАТИ ТАВАЛЛУД ҚАДАМИ МУҲИМТАРИНИ ТАЪМИНИ МАҚОМИ ҲУҚУҚӢ

**_Кўшишҳои ҳамкории мутақобилаи кишварҳои Осиёи Марказӣ барои барҳам додани бешаҳрвандӣ тақвият меёбанд._**

Намояндагони ҳукуматҳои ҷумҳуриҳои Ўзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дар Тошканд ҷамъ омаданд, то ки тарафдории худро бобати ба қайд гирифтани ҳамаи кўдакони кишварашон ҳангоми таваллуд тасдиқ кунанд.

Чорабинии мазкур аз ҷониби Идораи Комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо, Агентии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо дар ҳамкорӣ бо Маркази миллии ҳуқуқи инсони Ҷумҳурии Ўзбекистон ташкил карда шуд.

Бешаҳрвандӣ, яъне надоштани шаҳрвандӣ, ҳолатест, ки дар он ҳеҷ кишвар шахси муайянро шаҳрванд эътироф намекунад. Ин мушкил дар саросари ҷаҳон, ба миллионҳо нафар, аз ҷумла танҳо дар Осиёи Марказӣ беш аз 37 000 нафар таъсир мерасонад.

Дар аксари мавридҳо, шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқҳои асосӣ, аз қабили дастрасӣ ба таҳсил, шуғли муносиб, дастрасӣ ба хидматрасонии тиббии тахассусӣ ва ҳаракати озод маҳруманд.

Ба ин маъно, сабти асноди таваллуди кўдак аввалин ва муҳимтарин қадамест, ки мақоми ҳуқуқии ўро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки дар оянда дар рушди ҷомеа фаъолона иштирок намояд.

Шахсоне, ки ин мақоми ҳуқуқӣ доранд, дар доираи қонун аз имкони пардохти андозҳо ва саҳмҳои суғуртаи тиббӣ ва иҷтимоӣ бархурдор мебошанд. Илова бар ин, барои рушди устувори ҷомеаҳои худ саҳми назаррас мегузорад.

Директори Маркази миллии Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба ҳуқуқи инсон Акмал Саидов қайд кард, ки ба қонунгузории миллӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд, ки ба сабти таваллуди ҳамаи кўдакони дар кишвари мо соли 2018 таваллудшуда кафолат медиҳанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки танҳо дар панҷсолаи ҷорӣ мо ба бештар аз 75 фоиз кам шудани шумораи шахсони бешаҳрванд ноил гардидем.

– Дар Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 масъалаи таъмини ҳамагон бо асноди ҳуқуқии тасдиққунандаи шахсияти онҳо, аз ҷумла пешниҳоди сабти расмии таваллуди кўдакон мустаҳкам карда шудааст, – гуфт намояндаи минтақавии СММ дар Осиёи Марказӣ Ашита Миттал. – Созмони Милали Муттаҳид ба он баҳои баланд медиҳад, ки талошҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ барои коҳиш ва аз байн бурдани бешаҳрвандӣ натиҷаҳои назаррас додааст. Аз ин рў, ин дастовардҳо ба он хидмат мекунанд, ки афроди иҷборӣ кўчондашуда ва бешаҳрванд дар канор намонанд ва дар расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор саҳм гузоранд.

Дар конфронс зикр гардид, ки маъракаи глобалии #IBelong барои хотима бахшидан ба бешаҳрвандӣ аз ҷониби Дафтари Комиссари олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо соли 2014 оғоз гардида буд. Маъракаи даҳсолаи тўлонӣ, ки имсол ба анҷом мерасад, ба афзоиши мунтазами талошҳо барои коҳиш ва аз байн бурдани бешаҳрвандӣ дар кишварҳои ҷаҳон мусоидат кард.

**Н. АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА .**

*Минбари депутат*

## ПЛАТФОРМАИ ЯГОНА ОИД БА МУҲОҶИРАТ

**_Омўхтани забонҳои хориҷӣ – тақозои замон. Бинобар тадқиқоти Филип Бересфорд, ки рўйхати одамони сарватмандтарини ҷаҳонро дар «Sunday List» чоп кардааст, забони хориҷӣ ба сокинони кишварҳои Ғарб ба ҳисоби миёна соле 145 ҳазор фунт-стерлинг даромад меоварад._**

Масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид барои шаҳрвандоне, ки мехоҳанд дар хориҷа кор кунанд, таъмин сохтани шуғли ашхосе, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд ва ба онҳо кумаки моддӣ расонидан дар кишвари мо аз самтҳои бартариноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар маълумоти Созмони байналхалқии меҳнат дар олам беш аз 170 миллион муҳоҷирони меҳнатӣ ҳастанд. Вале аксарияти онҳо ба сабаби надонистани забон ва кори мувофиқи ихтисосашон аз он қадар фоидае, ки метавонанд ба даст оваранд, чандин баробар камтар даромад мекунанд. Бо дар назардошти ин дар Ўзбекистон ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ бинобар вусъат додан ва диверсификатсия кардани ҷуғрофияи муҳоҷирати меҳнатӣ, тайёр намудани кадрҳо бинобар ихтисос ва забонҳои хориҷӣ ба сатҳи нав бардошта шуд. Бо коргузорони хориҷӣ ва оҷонсиҳои рекрутингии 28 мамлакат бобати ҷалби неруи корӣ 268 муоҳида ба имзо расид.

Донистани забонҳои олмонӣ, русӣ, англисӣ, куриёӣ ва ғайра барои анқариб 132 ҳазор ҷойҳои хориҷии кор тақозо мегардад. Мутахассисоне, ки ба талаботи коргузорони хориҷӣ ҷавобгӯ бошанду забонҳои хориҷиро донанд ва сертификати дахлдор дошта бошанд, намерасанд.

Барои аз байн бардоштани ин мушкилот бояд ба ҷустуҷў ва тайёр кардани номзадҳои дорои ихтисос ва дараҷаи донандаи забони хориҷӣ, ҷалб кардани онҳо ба таълим мувофиқи талаботи қонунгузорӣ машғул шуд. Ба ин мақсадҳо бояд аз имконияти 32 мономаркази Вазорати шуғл ва коҳиш додани нодориву бахшҳои он, 53 маркази таълими касбӣ, 13 маркази тайёркунии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаҳои сохтмон, муассисаҳои таълими касбии Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсияҳо, ҳамчунин муассисаҳои хусусии таълимӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурда шавад. Кор бобати кушодани курсҳои муштараки таълимӣ дар пояи таълими дузабонӣ бо коргузорони Олмон, Ҷопон, Куриё ва Русия идома ёбанд.

Дар машварати назди Президент оид ба масъалаҳои таъмин намудани шуғли аҳолӣ ва ба низом даровардани муҳоҷирати меҳнатӣ ба масъалаҳои мазкур эътибори махсус дода, вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Баланд бардоштани шуғл ва даромади аҳолӣ аз ҷумлаи самтҳои бартариноки сиёсати давлат ба шумор меравад. Як қатор барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, лоиҳаҳои наве, ки ба соҳибкорӣ ва худмашғулкунӣ роҳ мекушоянд, татбиқ мегарданд. Аз ҷумла, корҳое, ки дар тамоми минтақаҳои мамлакат дар пояи таҷрибаи Сайҳунобод амалӣ мешаванд, ба таъмин сохтани шуғли аҳолӣ, коҳиш додани нодорӣ хидмат мекунанд. Барои таъмин намудани иҷрои самарабахши вазифаҳо ба ҳар кадом маҳалла роҳбарони созмонҳои маҷмўи иқтисодӣ вобаста карда шудаанд. Онҳо ба оилаҳои камтаъмин бевосита кумак мерасонанд. Вомҳои имтиёзнок ва субсидияҳо низ ба ин самт нигаронида мешаванд.

Дар ҷараёни машварат доир ба иҷрои корҳо дар самти мазкур бинобар ноҳияҳо ва маҳаллаҳо маълумот дода шуд, қайд гардид, ки ин кор дар маҳалҳо як хел ба роҳ гузошта нашудааст. Таъкид гардид, ки воситаи ягонаи таъмин кардани шуғли одамон дар шароити кунунӣ ин сафарбарии пурраи имкониятҳои дохилӣ мебошад.

Гусели муташаккилона ва бе хавфу хатари шаҳрвандон барои кор ба хориҷа ва бо кор таъмин сохтани онҳое, ки аз муҳоҷират баргаштаанд, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим мебошанд. Бинобар ҳамин ҳам фаъолияти Оҷонсии оид ба муҳоҷирати меҳнати хориҷӣ ислоҳ карда мешавад, дар тамоми минтақаҳо раванди «Кор дар хориҷа аз маҳалла ибтидо мегирад» татбиқ мегардад.

Шаҳрвандони ихтисосашон нокифоя таълими иловагии касбӣ мегиранд ва дар пояи талаботи коргузорони хориҷӣ тайёр карда мешаванд. Рўзҳои наздик ба кишварҳои сатҳи даромадашон зиёд фиристодани 150 ҳазор нафар пешбинӣ гардидааст.

Барои шаҳрвандоне, ки аз хориҷа баргаштаанд, баҳри ба роҳ мондани соҳибкории хусусӣ ва соҳиби касб шуданашон тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудаанд. Мувофиқи фармони дахлдори роҳбари давлат аз 4 апрели соли 2024 механизми сарпўш намудани хароҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ барои роҳ, раводиди корӣ, имтиҳон оид ба забони хориҷӣ, кумаки ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ҷорӣ карда шуд. Дар ҷараёни машварат зарурияти созмон додани платформаи ягонаи иттилоотӣ оид ба муҳоҷират, қаробати он бо низоми «ҳафтгонаи маҳалла» ва кумакрасонӣ ба ҳамватаноне, ки дар хориҷа дар вазъи мураккаб афтодаанд, таъкид гардид. Ҳамаи ин ба беҳтар шудани шароити ҳаёти аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

**Атхам НАЗИРҚУЛОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Аз ҳаёти деҳот*

# ИНШООТИ НАВИ ЗАМОНАВӢ



Варзики бостонӣ аз азал манзилу макони паҳлавонону варзишгарон буду ҳаст. Зодагони забардасти он на танҳо дар водии Фарғона, балки дар диёри ҳамсояи Қирғизистон ва Тоҷикистон ғолибиятро ба даст оварда, сарафрозона бармегаштанд. Ҳамчунин бо ин урфу анъана мақому мартабаи зодгоҳ, аҷдоду авлодро баланд мебардоштанд. Ин оини неки ниёгон то ҳол бардавом аст.

Дар маърифатгоҳи таълими миёнаи умумии рақами 13-уми деҳа солҳои охир ягон иншооту бинои таълимӣ бунёд наёфта буд. Имсол дар ин хусус кори таълимгоҳ бобарору пурсамар шуд. Даргоҳи илм бо овоздиҳии ҷамоа ва аҳли маҳалла дар чорабинии «Опен буҷа» якбора 2 сохтмон — бинои серошёнаи таълим ва варзишгоҳи тобистонаро ба даст оварð. Ба наздикӣ ифтитоҳи варзишгоҳи тобистона, ки гурӯҳи сохтмончиёни «Панҷ уқоб»-и ноҳияи ҳамшафати Поп сохта буд, барпо гардид.

Директори мактаб Қурбонҷон Юсуфов ҷамоа, меҳмонон, падару модаронро бо ин рӯзи фаромӯшнопазир муборакбод кард. Ба устодону шогирдон вазифа гузошт, ки аз иншооти нави варзишӣ ва имконияти он босамар истифода бурда, дар қувваозмоию мусобиқаҳо аз зинаҳои боло ҷой гиранд ва ба онҳо дар ин роҳ комёбиҳои бузург хост.

Аз номи маҳаллаи Пилол вакили Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Намангон Алишер Қосимов иштирокчиёнро бо оғози кори варзишгоҳ табрик гуфта, зикр кард, ки халқи Варзик аз қадим паҳлавон, нотарс ва дар ҳама соҳа пешдаст буданд. Варзишгарон ҳар гоҳ аз мусобиқаҳо бо зафару мукофотҳо бармегаштанд. Ҷавонон низ аз пайрави содиқи онҳо бошанд ва бо пирӯзиҳо баргарданд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# МАШҚҲОИ ТАЪЛИМИ ҲАРБИИ «МАКТАБИ МАРДОНАГӢ» БА ТАРБИЯИ ҶАВОНОН МУСОИДАТ МЕНАМОЯД

***Ҳокими вилояти Фарғона, роҳбари сектори ҳарбию маъмурӣ Хайрулло Бозоров аз тамрингоҳи қисми низомии неруҳои Округи ҳарбии Шарқӣ боздид намуда, бо шароити барои посбонони Ватан фароҳам овардашуда, корҳои ободонӣ шинос шуд. Бо ҷавононе, ки дар ҷамоати таълими ҳарбии «Мактаби мардонагӣ» иштирок карданд, суҳбат орост.***

Дар асоси супоришҳои дар ҷаласаи васеи Шӯрои амният, ки 12 январи соли ҷорӣ таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев баргузор гардид, дар вилоят тадбирҳои мушаххас таҳия гардиданд. Аз ҷумла, ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва шавқу рағбати онҳо ба хидмати ҳарбӣ, касбомӯзӣ ва соҳибкорӣ тавассути ташкили пурмазмуни вақти холии онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилоят, Округи ҳарбии Шарқӣ, раёсати корҳои дохилии вилоят, раёсати Агентии кор бо ҷавонони вилоят якҷоя бо ҷавононе, ки дар ҳудуди вилоят ҷиноят ҳуқуқвайронкуниҳо содир намудаанд ва ба ҷиноятиорӣ майл доранд, дар ҳисоби профилактикаи шуъбаҳои корҳои дохилӣ меистанд, дар машқгоҳи саҳроии Фарғона тараддуди машқии «Артиш мактаби ватандӯстиву мардонагӣ аст» барпо гардид.

100 нафар ҷавонони ба сектори якуми вилоят вобасташуда ба лагери ҳарбии «Мактаби мардонагӣ» ҷалб карда шуданд.

Тӯли даҳ рӯз дар асоси барномаи ҷамъомад, ки ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, пайдо кардани мавқеи худ дар зиндагӣ, касбомӯзӣ, таъмини шуғли онҳо, ташаккул додани ҳисси садоқат баояндаи Ватан равона шудааст, асосан семинарҳо, чорабиниҳои омодагии ҷангӣ ва ҳарбӣ, мусобиқаҳои варзишӣ ва як қатор машғулиятҳои дигар бо иштироки ҷавонон гузаронида шуданд.

Дар рӯзи охирини тамрингоҳи низомии «Мактаби шуҷоат» низ вохӯрии раҳбари сектори ҳарбӣ-маъмурӣ ва ҷавонон баргузор гардид.

Ба ҷавонон гуфта шуд, ки барои ватандӯст будан, пеш аз ҳама, бояд соҳиби маълумот ва касб гардид.

Таъкид гардид, ки замони омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дар кишварҳои пешрафта ҳамчун мутахассиси баркамол дар соҳаи худ кор кардан фаро расидааст ва барои ин ҳама чораҳо андешида шудаанд.

Дар навбати аввал ба ҷавонон гуфта шуд, ки ният бояд беғаразона бошад ва барои расидан ба ҳадаф бояд омӯхт ва роҳи дурустро ҷустуҷӯ кард.

Ҷавонон дар асоси таваҷҷуҳи худ ба ҳокими вилоят ва фармондеҳи неруҳои Округи ҳарбии Шарқӣ саволҳо дода, тавсияву фаҳмишҳои зарурӣ гирифтанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ ба як гурӯҳ ҷавононе, ки дар ҷамъомади ҳарбии «Мактаби мардонагӣ» фаъолона иштирок доштанд, сипоснома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

**М. СУЛАЙМОНОВ,**
**мухбири ЎзА.**

# ДАР АШҚОБОД МУҶАССАМАИ АЛИШЕРИ НАВОӢ ГУЗОШТА ШУД

***Моҳияти мероси маънавии Алишери Навоӣ нафақат дар Ӯзбекистон, балки дар бисёр кишварҳои хориҷи наздику дур низ эътироф карда мешавад. Тӯли солҳои гуногун гузошта шудани муҷассамаҳои Алишери Навоӣ исботи равшани ин гуфтаҳост.***
***Дар пойтахти Туркманистон маросими тантанавии кушоиши Боғи маданият ва истироҳати ба номи шоир ва мутафаккири машҳури туркман Махтумқулии Фароғӣ ба вуқӯъ омад.***

Дар доираи чорабинӣ бо иштироки Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, ҳамчунин ба тарзи тантанавӣ ҳайкали шоири бузурги ӯзбек Алишери Навоӣ гузошта шуд.

Тавре ки меҳмонони маросими кушоиши ёдгорӣ қайд намуданд, мероси нодири эҷодии шоири бузург, ки қисмати ҷудонопазири маънавияти халқи ӯзбек ба шумор меравад, ба шеърияти асрҳои баъдина таъсири бузург расонидааст.

Ҷамоаҳои эҷодӣ асарҳои Алишери Навоиро ба забонҳои ӯзбекӣ ва туркманӣ иҷро карданд.

Бояд зикр кард, ки маҷмӯи нави маданият ва истироҳат 24 ёдгории нависандагон ва шоирони шинохтаро муттаҳид намуд. Дар қисмати марказии боғ ҳайкали Махтумқулии Фароғӣ гузошта шудааст.

Дар атрофи боғ ёдгориҳои Оноре де Балзак, Иоҳанн Волфганг Гёте, Робиндранат Тагор, Уилям Шекспир, Фёдор Достоевский, Данте Алигери, Соят-Наво ва бисёр намояндагони дигари адабиёти ҷаҳон қомат афрохтаанд. Дар байни онҳо ёдгории мутафаккир ва шоири беназири халқи ӯзбек Алишери Навоӣ низ ҳаст.

Аъзои ҳукумати Туркманистон, намояндагони ҳайатҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналхалқӣ ба пояи ёдгориҳо гулдастаҳо гузоштанд.

**Б. ХУДОЙБЕРДИЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# ФАРОҲАМОРИИ ҶОЙҲОИ НАВИ КОРӢ ИДОМА ДОРАД

***Мулоқоти роҳбари ҳар як вилоят бо аҳолӣ, ташриф ва боздиди ӯ аз ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои истиқболнок ба пешрафти ҷомеа такон мебахшад.***

Сафари навбатии ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ба ноҳияи Қизилтепа сурат гирифт. Ҳоким бо ҷараёни сохтмони маркази нави сайёҳии ноҳия шинос шуд.

Ҳангоми мулоқот бо масъулини сохтмон изҳор дошт, ки ба ободгардонӣ ва кабудизор табдил додани ду самти шоҳроҳ, муҳайё намудани имкониятҳои васеъ барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ эътибор дода шавад.

Татбиқ ва амалисозии лоиҳаро Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Navoiy tears invest», ки 4 миллион доллар арзиш дорад, ба ӯҳда гирифтааст. Тибқи лоиҳа дар ҳудуд бунёди дӯконҳои савдо, марказҳои хӯроккхӯрӣ, маркази қувватбахшӣ ба электромобилҳо, автосалон, истгоҳ ва нуқтаҳои хидматрасонӣ ба мошинҳои боркаш ва сабукрав, хостелҳо, майдончаи бозӣ барои навраcон, аспхонаву майдон барои шутурпарварӣ бунёд мегардад. Ҳангоми татбиқи амалии ин лоиҳа садҳо нафар шаҳрвандон бо кори доимӣ таъмин мегарданд.

Ҳокими вилоят ҳамчунин аз маҳаллаи «Маликобод» дидан карда, ба корҳои сохтмони заводи истеҳсолкунандаи дастпӯшакҳои ҶММ «SVS Navoiy» шинос шуд. Дар корхона, ки фаъолияташро дар асоси технологияҳои инноватсионӣ ба роҳ мондааст, беш аз 200 нафар коргарон бо кори доимӣ таъмин гардидаанд. Ҳангоми пурра ба кор даромадани корхона барои 600 нафар ҷойҳои нави корӣ барпо мегардад.

Ҳокими вилоят ҳамчунин аз шоҳкӯчаи «Мустақиллик»-и маркази ноҳия дидан карда, аз фаъолияти ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуди «World Class Houses» ва «Қизилтепа қурилиш транс» дидан кард, ки онҳо ба сохтмони бинoҳои замонавии бисёрошёна сарукор доранд. Ба масъулини сохтмонҳо оиди сифатнок ва шинам бунёд намудани биноҳо тавсияҳо дода шуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# «МУҚАДДИМА»

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоишгоҳи донишҷӯёни факултети таълими рангтасвири Институти санъати тасвирӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод Руслан Эргашев ва Алишер Шодиев кушода шуд.***

Дар намоишгоҳ, ки «Муқаддима» ном дошт, наздик ба 50 намуди корҳои рангтасвири рассомон ҷой доранд. Асарҳои муаллифон мазмунҳои мухталифро дарбар намудаанд. «Парвози турнаҳо», «Мактуб», «Якшанбе», «Анор», «Саҳар», «Падаркуш», «Манзара», «Манзараи кӯҳсор», «Модар», «Баҳор», «Қишлоқ», «Борон», «Иссиққӯл», «Ҳавлии ҳамсоя», «Амирсой» барин намунаҳои беҳтарини эҷодиёти Руслан ва Алишер ба шумор меравaнд.

Руслан бистсола буда, бо дипломи институти мазкур ва ташаккурномаи Шӯрои эҷодкорони бадеии ҷумҳурӣ тақдиронида шудааст. Алишер бошад, 19 -сола, зодаи Бухоро аст. Соли 2023 дар ҷашнвораи байналхалқии анъанавии «Санъати тасвирӣ ва амалӣ» иштирок намуда, соҳиби медали биринҷӣ гардид.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

# ЯРМАРКАИ МИНТАҚАВИИ САНОАТӢ БАРГУЗОР ШУД

***Дар маҷмааи намоишгоҳҳои «SOF EXPO SAMARKAND»-и ноҳияи Ҷомбой «Ярмаркаи минтақавии байнисоҳавии саноатӣ» ва Форуми саноатӣ гузаронида шуд.***

Дар маросими кушодашавӣ, ки бо мақсади густариши кооператсияи истеҳсолии байнисоҳавии калонтарин ташкилотҳои саноатии кишвар ва корхонаҳои маҳаллӣ ташкил гардид, ҷонишини мушовири Президент Г.Саидова, ҷонишини аввали раиси Кумитаи гумрук И.Мухторов иштирок карданд.

Дар намоишгоҳ 2500 корхонаи саноатӣ зиёда аз 240 номгӯйи маҳсулотро ба намоиш гузоштанд. Аз ҷумла, 240 корхона бо зиёда аз 7500 намуди маҳсулоти ивазкунандаи воридот ширкат намуданд.

Корхонаҳо беш аз 80 намуди маҳсулоти рақобатпазирро, чун радиатору конвекторҳои барқӣ, таҷҳизоти электрикӣ, трансформаторҳои намуди нави ТМГ, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо, коғаз барои гипсокартон, қисмҳои эҳтиётии автомобилҳо ва монанди инро пешкаш намуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ВОХӮРИИ СЕ НАСЛ БАРОИ ҶАВОНОН ИБРАТ АСТ

***Боғи истироҳати «Чинор таги»-и шаҳраки Водил. Дар майдони васеи он барои баргузории вохӯрии се насл рӯйи катҳои чӯбинро бо кӯрпачаҳои рангоранг ва болиштҳо фарш кардаву дар самти дигар мизу курсиҳоро қатор гузошта буданд. Мавҷи одамони сину соли гуногунро дидан мумкин буд, ки гурӯҳ-гурӯҳ барои ширкат дар чорабинӣ ба ин ҷо мешитофтанд.***

Хусусан, як идда калонсолон низ ба чашм менамуданд, ки сари синаҳояшонро нишонҳои гуногун оро медод.

Ҳокими ноҳияи Фарғона Ҳамидулло Иномов гуфт, ки баргузории чорабинии «Вохӯрии се насл» мисле, ки дар саросари кишвари паҳноварамон ба ҳукми анъана даромадааст, дар ноҳияи Фарғона низ гоҳ-гоҳ роҳандозӣ шуда, пирони кору меҳнат, насли миёнсолу ҷавононро гирдиҳам меоварад.

– Ин бор низ чунин чорабинӣ бо иштироки собиқадорони меҳнат, ки аз аҳли маърифат ва адабу фарҳанганд, фаъолони истеҳсолот, роҳбарони хоҷагиҳои фермерӣ, инчунин насли миёна ва ҷавон мегузарад. Ин мулоқотест, ки намояндагони се наслро ба ҳам овардааст ва ҳар кадоми шумо аз дастовардҳои худ мегӯеду дигаронро мешунавед. Бовар дорам, ки насли калонсоли мо, ки дар рушди ноҳияамон заҳмати зиёд кашидаанд, ба ҷавонон роҳи дурусти кору зиндагиро нишон медиҳанд, – изҳор намуд Ҳ. Иномов.

Вай афзуд, ки имрӯзҳо дар идораҳои давлатӣ, корхонаву муассисаҳо ва ташкилотҳои гуногун намояндагони насли миёна ва ҷавон дар паҳлӯи калонсолон меҳнат мекунанд. Бархе аз онҳо истеъдод ва лаёқати хуби корӣ доранд ва барои атрофиёни худ намунаи ибрат гаштаанд.

– Ҳамеша шахсони бомаърифати соҳиби илму фарҳанг ҷамъиятро аз паси худ бурдаанд. Имрӯз низ чунин рисолатро онҳо бо эҳсоси масъулият иҷро мекунанд. Дар ноҳияи Фарғона теъдоди ин зумра одамон хеле зиёданд, ки ҷавононро аз даромадан ба роҳи гумроҳӣ боздоранд, – гуфт Э. Уралов.

Дар чорабинӣ намояндагони фаъоли хазинаи «Нурониён» зикр намуданд, ки сиёсати Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев маҳз барои беҳбудии ҳаёт ва фаровонии зиндагии шаҳрвандони кишвар равона шудааст.

– Панҷ ташаббусе, ки Президент ба миён гузоштааст, дар рушду камоли ҷавонон, бедор шудани завқи онҳо нисбат ба мусиқа, рассомӣ, адабиёт, театр ва санъат, варзиш ва амсоли он хеле нақши муассир мебозад. Мушоҳида гардид, ки дар як тараф мусаввирони ҷавон сураҳои кашидаашонро ба намоиш гузоштаанд, дар тарафи дигар як гурӯҳ ҷавонон ба мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ машғуланд, – изҳор намуд паҳлавони машҳури водилӣ Турсуналӣ Мамаҷонов.




Як гурӯҳ собиқадорони меҳнат аз тарафи Хазинаи «Нурониён»-и вилоят бо «Ташаккурнома»-ҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд. Инчунин ҳокимияти ноҳия даҳ нафар намояндагони насли миёнсол ва ҷавононеро, ки дар ҷодаи меҳнат, намудҳои санъат, варзиш ва корҳои ҷамъиятӣ намунаи ибрат гаштаанд, бо туҳфаҳо рағбатнок намуд.

Вохӯрии се наслро таронаҳои овозхонҳо шукӯҳи бештар бахшид.

**Алишер ХОЛОВ.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## ХАБАРҲО

### ДАР САМАРҚАНД КОРХОНАИ НАВ КУШОДА ШУД

***Шумораи корхонаҳои истеҳсолии вилояти Самарқанд боз якто афзуд. Дар ҳудуди МОИ-и «Ургут», ки дар ноҳияи Ҷомбой воқеъ аст, заводи CCI бунёд гардид.***

Дар маросими кушодашавии корхона вазири инвеститсия, саноат ва савдо Л.Қудратов, ҳокими вилоят Э.Турдимов, раиси раёсати ширкати «Coca-Cola», сардиректори иҷроия Ҷеймс Куинси, раиси раёсати ширкати «Anadolu Group» Тунҷай Озилхон ва дигарон иштирок карданд.

– Мо ба Ӯзбекистон сармоя ворид карда, нахуст дар Тошканд, баъдан дар Урганҷ ва Намангон корхонаҳои истеҳсолии худро кушодем, – гуфт Ҷеймс Куинси. – Ҳамкории сисолаи мо имрӯз густариш меёбад, ки аз ин хурсандем.

Арзиши умумии лоиҳаи корхона, ки дар муддати даҳ моҳ дар 18,5 гектар майдон бунёд гардид, 112 миллион доллари америкоиро ташкил мекунад. 100 миллион доллари ин маблағ хориҷӣ мебошад. Дар корхона, ки иқтидори дар як сол истеҳсоли 280 миллион литр нӯшокиро дорад, 200 ҷойи нави корӣ таъсис ёфтааст.

Иштирокдорони тадбир бо ҷараёни истеҳсолот дар корхонаи нав шинос шуданд.

### ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд бахшида ба корҳое, ки бобати пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ҷавонони номуттаҳиди вилоят ва натиҷаҳои он амалӣ мегарданд, ҷамъомади васеъ гузаронида шуд.***

Дар ҷамъомад, ки дар робита ба ноҳияву шаҳрҳо дар шакли видеоселектор баргузор шуд, роҳбарони секторҳои вилоят, масъулони ҳокимиятҳо, намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ иштирок карданд.

Зикр гашт, ки дар чор моҳи соли ҷорӣ дар вилоят ҷавонон 308 ҷиноят содир кардаанд. Ин нисбат ба даври мутаносиби соли гузашта 28 бор зиёд аст.

Ҷиноятҳои ноболиғон дар шаҳри Самарқанд, ноҳияҳои Ургут ва Каттақӯрғон афзудаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

### ДАҲРӮЗАИ МУҲИМИ КИРМАКПАРВАРОН

***Яке аз бахшҳои хеле муҳими хоҷагидории кишвар парвариши кирмҳои пилла аст, ки имрӯзҳо дар аксарияти минтақаҳои Ӯзбекистон ба роҳ монда шуда ва як соҳаи сердаромад маҳсуб мешавад.***

Аз ҷумла дар шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё ба ривоҷи ин соҳа эътибори ҷиддӣ дода дода мешавад. Ба ҷуз аз хоҷагиҳои фермерӣ оилаҳои хоҳишманд низ ҷалб мегарданд. Кирмакпарварони ноҳияи Шаҳрисабз имрӯзҳо дар арафаи ҷамъоварии ҳосили заҳмати қариб якмоҳаи худ ҳастанд ва ба он аз ҳар ҷиҳат омодагӣ мегиранд. Махсусан, мутахассисони соҳа ба хонаҳои кирмакпарварон зуд-зуд сар халондаву маслиҳатҳои муфид медиҳанд, зеро даҳаи охирини парвариши кирмҳои абрешим дар соҳаи кирмакпарварӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Як амали ноҷо ба талафи ҳосили меҳнати кирмакпарвар боис хоҳад шуд.

Имсол кирмакпарварони ноҳия нақша доранд, ки 365 тонна пилларо ба хазинаи Ватан супоранд. Нархи як килои он аз ҷониби коргоҳҳои қабул 40 ҳазор сӯм муайян гаштааст. Ба парвариши кирмак ҷалб гардидани оилаҳои хоҳишманд яке аз чораҳои муфиди таъмин намудани даромади оилавии аҳолӣ ба шумор меравад, ки секторҳои дахлдори ҳокимияти шаҳру ноҳияҳо ба ин амал эътибори махсус медиҳанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

### ДАР ПАРКЕНТ СОХТМОНИ «IT-ШАҲРАК» ОҒОЗ ЁФТ

***15 майи соли ҷорӣ қарори Президент «Дар бораи ташкил кардани фаъолияти «IT-шаҳрак», ки ба фароҳам овардани шароити иловагӣ ба ҷавонон ҷиҳати омӯзиши технологияҳои рақамӣ ва забонҳои хориҷӣ нигаронида шудааст» қабул шуда буд.***

Бо ин мақсад дар деҳаи Самсараки ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд ба муаррифии лоиҳаи «Villayat Samsarak: CREATIVE ECO IT VILLAGE» инчунин, сохтмони «IT-шаҳрак», ки дар ин маҳал ба нақша гирифта шудааст, оғоз ёфт.

Эко-деҳаи «Villayat Samsarak» лоиҳаи таҷрибавии гурӯҳи ширкатҳои «Villayat» буда, дар доираи иқтисодиёти сабз ва созанда фаъолият намуда, лоиҳаҳои рушди иқтидори сайёҳии вилояти Тошканд ва беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодиро амалӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки «IT-шаҳрак» ба ҷавонон барои дарёфти касбу кори худ, рушд ва саҳм гузоштан ба ҷомеа ба воситаи дар ҳамоҳангӣ зистан бо муҳити зист ва рушди минбаъдаи ин соҳа макони нотакрор пешбинӣ шудааст.

**Н. РАҲМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

*Ҳамзамонони мо*

# ФИДОИИ КАСБИ ХУД

***Дар ҳавлии бинои навбунёди прокуратураи вилояти Навоӣ одамони зиёд ҷамъ омада буданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ саргарми суҳбатанд. Маълум буд, ки ҷамъшудагон намояндагони созмонҳои гуногуни вилоят – собиқ кормандони прокуратура, раёсати корҳои дохилӣ ва муассисаву ташкилотҳои дигар ҳастанд. Ҷамъомади тантанавӣ оғоз гардид. Дар маҷлисгоҳ ҷойи холӣ набуд.***

Прокурори вилоят Азамат Мирзоев: – Ман ин ҷо ба қарибӣ барои кор омадам, – гуфт. – Ҳуҷҷатҳои ҳар кадоми шуморо омӯхтаам, то бо фаъолияти коркунони соҳа хуб ошноӣ пайдо кунам. Аз ҷумла ҳуҷҷатҳои Шавкат Ғаффоровро низ нуқсоне набуд. Тӯли беш аз 30 соли фаъолият дар соҳа боре ҳам огоҳӣ ва ё танбеҳ нагирифтааст. Дар соҳаи мо ин қабил кормандон кам андар кам дучор мегарданд.

Шавкат Ғаффоров чун ба аксарияти шумо ба ман ҳам ҳаққи устодӣ дорад. Ин ҷо бисёр чизҳоро аз ӯ омӯхтаам.

Прокурори вилоят Ш. Ғаффоровро ба муносибати ба синни нафақа расиданаш самимона муборакбод намуда, ба ӯ саломатӣ, ободии рӯзгор ва дар фаъолияти минбаъдааш комёбиҳо таманно намуд. Ва аз номи кормандони ҳифзи ҳуқуқи вилоят ба соҳибҷашн ҷома пӯшонид.

Риштаи суханро собиқ прокурори ноҳияҳои Навбаҳор, Нурато ва шаҳри Зарафшон, устоди Шавкат Ғаффоров, подполковники мустафъӣ Комил Ёриев ба даст гирифт.

– Ман дар давоми фаъолияти кории худ чун Шавкат шахсеро, ки ба вазифаи хеш фидоӣ ва чунон дилдода бошад, кам вохӯрдаам. Ӯ сари вақт ба кор меомад ва соатҳои 23-24 ба хонааш бармегашт. Ҳар як супоришро зуд ва бекаму кост ба анҷом мерасонид. Аз Шавкат барин шогирди худ ифтихор дорам, – суханашро хулоса кард Комил Ёриев.

– Кор дар риштаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ осон нест, – мегӯяд корманди соҳа, яке аз шогирдони Ш. Ғаффоров Илҳом Наврӯзов. – Дар кори мо вақти дақиқ нест. Рӯз бо шаҳрвандон кор мебарем, шаб ҳуҷҷат омода мекунем. Ин аз корманд иродаи мустаҳкам ва сабру таммулро тақозо дорад. Ин ҳама дар устод Шавкат Ғаффоров ҳаст. Ӯ аз шогирдон ҳам инро талаб мекунад.

Вай лаҳзаеро аз меҳмондории устодаш нақл кард. Рӯзе ба хонаи Шавкат аз деҳа ҳамсинфонаш меоянд. Ӯ онҳоро хуб пазироӣ мекунад, вале зуд-зуд ба соати дастиаш менигарад. Он ҷо омӯзгори соҳибтаҷриба, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон Элмуроди Рӯзӣ низ буд. Вай ҳолати Шавкатро пай бурда, мегӯяд: – Шавкат, магарам вақти қабули меҳмон надорӣ, хона бар меҳмон мегузорӣ.

– Бале, ман бояд ба кор равам. Шумо ба майли хотир шинед, фарзандон хидмат мекунанд.

Меҳмонон то дер менишинанд. Шавкат соати 10-и шаб аз кор бармегардад. Ва бо як табассуми хос мегуяд: – Рафиқон, инак, имрӯз ба шарофати шумо ман аз кор барвақттар баргаштам. Акнун то субҳ дар хидмати шумо мешавам.

Оре, кори кормандони ҳифзи ҳуқуқ вақту фурсати муайян надорад. Бисёр мешавад, ки онҳо то субҳ дар коргоҳ мемонанд. Ин ҳолатро дар кино бисёр тамошо кардаем.

Шавкат Ғаффоров зодаи деҳаи Эҷи кӯҳистони Нурато мебошад. Падараш омӯзгор ва модараш хонанишин буданд. Шавкат аз меҳри падар сер нашуд. Дар кӯдакӣ аз падар маҳрум шуд. Падараш Қурбонбой Ғаффоров дар айни ҷавонӣ даргузашт.

Дар хонаи падарандар ба воя расид. Аз ҳамсолон камӣ надошт. Мактаби ҳамагонии рақами 43-ро бо одоби намунавию дониши аъло хатм намуда, пас аз хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, дар факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намуд. Соли 1991 бо диплом ба зодгоҳ баргашт. Тамоми фаъолияти худро дар соҳаи прокуратура гузаронид. Корро чун муфаттиш дар прокуратураи ноҳияи Нурато оғоз намуд. Аз моҳи январи соли 1994 то моҳи январи соли 1997 дар прокуратураи шаҳри Зарафшон фаъолият намуд. Дар ин ҷо нозукиҳои пешаро аз прокурор Комил Ёриеви бухороӣ хуб омӯхт. Ба таъбире дар кӯрагоҳи талабу дархостҳои устод обутоб ёфт.

Аз соли 1997 то соли 2016 дар прокуратураи вилояти Навоӣ кор кард. Ин ҷо ӯ роҳбари шуъбаҳои гуногуни прокуратураи вилоят буд. Борҳо ӯро ба вазифаи прокурори ноҳия пешбарӣ намудаанд, вале ин пешниҳод ҳамеша аз марказ рад мегардид...

Оқибат соли 2016 Ғаффоровро ба вазифаи прокурори ноҳияи Кармана таъин карданд. Дар ин вазифа то 4 феврали соли 2019 кор кард. Фаъолияти босамари ӯро ба инобат гирифта, 4 феврали ҳамон сол ба вазифаи нав гузарониданд, прокурори махсуси назди Комбинати маъданҳои кӯҳии Навоӣ таъин намуданд. Дар ин вазифа панҷ сол фаъолият дошт. Прокуророн одатан дар як вазифа панҷ сол кор мекунанд. Пас фаъолияти панҷсолаи онҳо ҷамъбаст карда мешавад. Кори Шавкат Ғаффоров хуб арзёбӣ гардид. Ба вазифаи нав пешниҳод карданд, вале ӯ нафақаро интихоб намуд.

Шавкат шахсест ҳалиму хоксор. Бо хурду калон як хел муносибат мекунад. Оилаи намунавӣ дорад. Бо ҳамсараш ду писару ду духтарро ба воя расонидаанд. Фарзандон маълумоти олӣ доранд. Бунафша факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи омӯзгории Навоиро хатм карда бошад, Донагул дар Донишгоҳи дорусозии Тошканд таҳсил намудааст. Меҳрангез Донишгоҳи ҳуқуқи Тошканд ва Нурангез Донишгоҳи забонҳои ҷаҳони Тошкандро хатм намудаанд. Ҳар кадом тибқи ихтисоси худ фаъолият дошта, дар бунёди Ӯзбекистони Нав саҳм мегиранд.

Воқеан Ш. Ғаффоров ба адабиёт шавқи беандоза дорад. Аз осори Лоиқ байтҳои зиёд аз ёд медонад.



Пайваста китоб мехонад. Ҷевони китоб низ дорад, ки аз осори адибони тоҷик ва ҷаҳон пур аст.

– Чанде қабл китоби хотираҳои Рафиқ Нишонов «Дарахтон то бӯрон сарсабзанд»-ро хондам. Ҳоло романи «Фирдавсӣ»-и устод Сотим Улуғзодаро мутолиа мекунам. Дар бознишастагӣ барои китобхонӣ вақти зиёд дорам, – мегӯяд қаҳрамони мо. Воқеан, ӯ мухлиси доимии рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» мебошад. Рӯзномаҳову маҷалларо мунтазам мутолиа мекунад. Боиси таъкид аст, ки соли равон бо ташаббуси Шавкат Комбинати маъданҳои кӯҳии Навоӣ ба панҷ нусхаи солонаи «Овози тоҷик» ва шахсан қаҳрамони мо ба як нусхаи солонаи рӯзномаву маҷаллаи номбурда обуна шудааст.

Заҳматҳои дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ кашидаи Ш. Ғаффоров аз ҷониби давлат ва ташкилоти болоии ҳифзи ҳуқуқ қадршиносӣ гардидаанд. 29 августи соли 2020 Прокуратураи генералии Ӯзбекистон Ш. Ғаффоровро бо рутбаи мушовири калони адлия – полковник қадршиносӣ карда буд. Ғаффоров бо фармони Президент аз 8 декабри соли 2022 бо нишони ифтихории «Ӯзбекистон Конститутсиясининг 30 йиллиги» сарфароз гардид.

**Дилмурод ҚӮЗИЕВ,**
**Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон,**
**Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон.**
**Фирдавс РАҲМОНОВ.**
*Вилояти НАВОӢ.*

# КИТОБХОНА ҲАМ ИБОДАТГОҲ АСТ

## *Дар Шарқ коғазу китобро эъзоз менамоянд*

***16-17-уми майи соли равон дар шаҳри Ҷиззах Анҷумани XVII-и байналмиллии «Central Asia – 2024: Захираҳои ахбору китобхона дар фан, таълим, фарҳанг ва тиҷорат» баргузор гардид. Дар он аз ёздаҳ кишвар беш аз чиҳил нафар масъулини китобхонаҳои бонуфуз ва чаҳорсад нафар ходимон аз ҷумҳуриамон ширкат варзиданд.***

Ин анҷуман аз соли 1999 инҷониб баргузор мешавад ва дар кори он сарварону муовинони китобхонаҳои давлативу миллии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва берун аз он бевосита ва ё ба тарзи фосилавӣ иштирок менамоянд.

Анҷуман бо ибтикори Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии назди маъмурияти Президенти Ӯзбекистон, ҳокимияти вилояти Ҷиззах ва дигар вазорату идораҳо дар Кохи анҷуманҳои назди бинои ҳокимияти вилоят рӯйи кор омад. Директори агентӣ Асад Хоҷаев ба ҷамъомад ҳусни ифтитоҳ бахшид. Муовини ҳокими вилояти Ҷиззах Акмал Савурбоев номаи табрикии ҳокими вилоят Эргаш Солиевро ба иштирокчиён қироат намуд.

Сардиректори Китобхонаи давлатии Русия Вадим Дуда, директори Китобхонаи миллии Арманистон Анна Чулян, сардиректори Китобхонаи миллии Белорус Вадим Гигин, директори Китобхонаи миллии Қазоқистон Бақитҷон Оспанова дар бораи аҳамияти анҷуман, қадру манзалати китобу китобхона дар роҳи пешрафти ҷомеа, тараққиёти соҳаҳо сухан ба миён оварданд.

Сипас директори Китобхонаи фундаменталии Донишгоҳи давлатии Беларус Владимир Кулажников, менеҷери дирексияи Китобхонаи миллии Туркия Меҳмад Демир, директори Китобхонаи миллии ба номи Алишери Навоии Ӯзбекистон Умеда Тешабоева, раиси Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Маскав Екатерина Кудрина, ҷонишини директор оид ба фаъолияти фан ва таълими Китобхонаи давлатии бачагонаи Русия Олга Мезенсева, ҷонишини сардиректори Китобхонаи давлатии адабиётҳои хориҷӣ ва оид ба давлатҳои Осиёи ба номи Рудомино Мария Белоколенко, муовини директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии назди Академияи улуми Тоҷикистон Ёдгорбек Бердизода ва дигарон дар мавзӯъҳои гуногун тақдимот гузарониданд.

Ин гуфтаҳои нотиқи белорусӣ ба аҳли толор хеле писанд омаданд. Ӯ, аз ҷумла изҳор дошт: Дар Шарқ коғазу китобро аз қадим эъзоз менамоянд. Зеро китобҳои муқаддас, аз ҷумла Қуръони Маҷид дар коғаз китобат шудааст.

Олга Мезенсева ва Мария Белоколенко дар тақдимоти хеш таъкидан гуфтанд, ки мутолиаи мунтазами китоб одамро ба қуллаи мақсуд мерасонад. Мо барои бачаҳо озмунҳои гуногун созмон додаем ва дар он наврасон аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳам ширкат ҷуста, ҷойҳои сазоворро гирифтаанд.

Барои тарғиби асарҳои нависандаи маъруфи авар Расул Ғамзатов таҳти унвони «Ман ҳаётро дӯст медорам» маҳфилҳо гузаронидем.

Умеда Тешабоева бошад ҳозиринро бо «Харитаи роҳ» ва Стратегияи Ӯзбекистони Нав ошно сохт. Мувофиқи он дар назар аст, ки то дурдасттарин маҳалҳо китобхонаҳои худӣ дошта бошанд, маданияти мутолиа баланд бардошта шавад, дар кори китобхонаҳо аз технологияҳо босамар истифода баранд.

Меҳмон аз Тоҷикистони бародарӣ Ёдгорбек Бердизода дар маърӯзаи хеш аз фаъолияти академики рус Андреев, ки зодаи Тошканд асту дар китобхонаи шахсиаш манбаъҳои муътамад оид ба Самарқанду Тошканд зиёданд ва онҳо ҳамчун бозёфтҳои таърихӣ дорои аҳамияти баланд мебошанд, ҳикоя кард.

Рӯзи дуюм иштирокдорон ба нӯҳ гурӯҳ тақсим шуда, дарсҳои амалӣ гузарониданд. Таҷрибаивазкунӣ дар толори Донишкадаи Sambhram ва Захираи ахбору китобхонаи вилоятӣ сурат гирифт.

Сипас меҳмонон манзараҳои дилфиребу зебои шаҳри Ҷиззахро тамошо карданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Забони ман – ҷаҳони ман*

# ХОСТГОҲИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI-ро давраи пурмаҳсули таҳқиқи шохаи типологии забонҳо шуморидан мумкин аст. Ин андешаро таҳқиқоти бисёре, ки ба муқоисаи типологии забони форсии тоҷикӣ бо забонҳои англисӣ, русӣ, олмонӣ ва ғайра бахшида шудаанд, собит менамояд.

Забони ноби форсӣ, ки таърихи хеле куҳан дорад, аз забонҳои нирумандтарин, ғанӣ ва хушсадо ба ҳисоб меравад. Он асосан барои мардуми куҳанбунёди Эрону Афғонистону Тоҷикистон забони модарист ва нишонаи миллии мардумонест, ки бо ин забон ҳарф мезананд. Бо ин забон тӯли ҳазорсолаҳо асарҳои илмиву адабӣ ва бадеӣ офарида шудаанд. Бузургию шаҳомоти онро нобиғагони олам чун забони шеъру адаб, забони фораму дилкушо эҳтирому эътироф намудаанд. Ин забон тӯли таърих натанҳо барои мардуми форсизабон, балки барои мардумони тамоми олам хизмати бузурге дар пайванди миллат, халқият ва тамаддунҳо карда, бо забонҳои лотинию мақдунӣ, арабию туркӣ, русию байналмилалӣ омезиш ёфта, сертаркиб ва пурмазмунтар шудааст. Он дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ аз ҳисоби калимаю вожаҳои нави миллатҳои кураи Замин ғанитар мегардад.

Бо забони форсӣ шоирону нависандагони бузурге ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Сино, Ҷомӣ, Мавлоно, Ҳофиз, Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва бисёр дигарон асарҳои оламшумуле эҷод кардаанд. Дар замони муосир танҳо се давлати форсизабон — Эрон, Тоҷикистон ва Афғонистон ҳар кадом яке аз шохаҳои забони порсӣ – форсӣ, тоҷикӣ ва дариро дар кишварашон забони расмии давлатӣ эълон кардаанд. Расул Ғамзатов (1923-2003) адиби машҳури ҷаҳонии Доғистон суханварони бузурги адабиёти классики форсу тоҷикро бо сипосгузорӣ ёд мекунад. Силсилаи «Шеърҳои форсӣ» (1975)-и шоир бо як эҳсосоти баланд навишта шудаанд. Адиб бо Мирзо Турсунзода робитаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ дошт. Дар ҳимояи забони модарӣ далерона чунин гуфтааст: «Забони халқҳо барои ман чун ситораҳои осмонанд. Намехостам, ки ҳамаи ин ситораҳо як шуда, ба ситораи бузург табдил ёбанд. Ба ситораи бузург ҳоҷат нест, зеро як офтоб бас аст. Аммо бигзор ситораҳо ҳам нур пошанд. Бигзор ҳар кас ситораи худро дошта бошад».

### Ташаккулу таҳаввули забони форсӣ дар даврҳои гуногуни таърихӣ

Муҳаққиқ Жилбер Лазар кулли таҳқиқоти эроншиносонро дар ин замина нодида гирифта, пайдоиши забони порсии дариро дар Хуросону Мовароуннаҳр ба истилои арабҳо марбут медонад: «Пас аз пирӯзии аъроб дар Эрон форсии гуфторӣ ҳамчунон ба сӯйи Ховар пеш рафт ва ба василаи сипоҳиёну бозаргонон ба Мовароуннаҳр ва Афғонистони кунунӣ расид». Ба ин тартиб ӯ ба натиҷае мерасад, ки «форсӣ гӯйиши маҳаллии ҷанубитарин ноҳияи Эрон буд, ки ба унвони як забони муколама ба тадриҷ аз ҷануб ба шимол ва ховари Эрон густариш ёфт ва он гоҳ дар шимоли ховарии Эрон ба забони адабии он ноҳия табдил гардид ва аз он ҷо ба Бохтару ҷануби Эрон рафт ва саранҷом дар бахше бузург аз Осиё реша давонд». (Жилбер Лазер. Решаҳои забони форси адабӣ, маҷ. Эрон-нома, 1993, №4, саҳ. 571). Дар асоси ҳамин андешаҳои беасос Г. Ҳидоятов ва Р. Абдуллоев барин олимон аҷдоди тоҷиконро арабу форсҳое медонанд, ки дар асри VIII бо истилои арабҳо ба Осиёи Миёна омадаанд. Ботил будани ин андешаро муҳаққиқон бо далелҳои қотеъ ба субут расондаанд. Далели аввал суруди машҳури «Аз Хуталон омадия» мебошад, ки тавассути «Таърихи Табарӣ» то ба имрӯз расидааст.

Аз ин бармеояд, ки то омадани арабҳо ба ин сарзамин ҳам мардум бо забони порсии дарӣ ҳарф мезаданд. Далели дуюм маълумоти «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ роҷеъ ба ҷорӣ шудани ислом ва забони арабӣ дар ин сарзамин аст. Тавре ки Наршахӣ хабар медиҳад, мардуми Бухоро арабҳоро водор менамоянд, ки оятҳои Қуръон маҳз ба забони порсии дарӣ тарҷума шавад, ки забони гуфтории онҳо будааст. Ин ду далел ва мисолҳои фаровони дигар собит менамоянд, ки забони порсии дарӣ то истилои арабҳо дар радифи забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ, ориёӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр дар шакли гуфторӣ вуҷуд доштааст.

Доктор Алиашраф Содиқӣ дар «Таквини забони форсӣ» ба ин натиҷа мерасад:

«Хулоса, забони форсӣ забонест, ки дар авохири давраи Сосонӣ дар пойтахт ва дигар шаҳрҳои Мадоин ва дар Хуросону баъзе манотиқи дигар дар гуфторҳои рӯзонаи мардум ба кор мерафтааст. Ин забон аслан ҳамон забони паҳлавӣ (манзураш порсии миёна) аст, ки сарзамини он Форс буда, вале дар тули ҳукумати чаҳорсадсолаи Сосониён ба нуқоти дигар рафта ва бо аносиру луғоти портӣ (манзураш паҳлавӣ), ки забони мардуми Хуросон буда ва аносири маҳалли дигар омехта шудааст. Дар авохири давраи Сосонӣ номи ин забон «дарӣ» будааст, вале дар пайи густариши ислом дар Эронзамин онро «дарӣ», «форсии дарӣ / порсии дарӣ» ва «форсӣ / порсӣ» номидаанд. Қадимтарин марҳилаи забони дарӣ эҳтимолан қарни V милодӣ аст, яъне замонест, ки забони портӣ (яъне паҳлавӣ) ба таври куллӣ дар Хуросон аз миён рафта будааст. Аз дарӣ то қарни IX милодӣ, ғайр аз теъдоде ҷумлаҳои пароканда, ҳеч гуна навиштаи қобили таваҷҷуҳе боқӣ намондааст. Ҷумлаҳои боқимонда нишон медиҳанд, ки дарии садри ислом (асрҳои VI-VII милодӣ) бо форсии дарӣ дар асри IX тақрибан яксон будааст. Ба тавре ки қароину шавоҳиди мавҷуд нишон медиҳанд, пас аз густариши ислом миёни форсии дарии мутадовил дар Хуросон бо форсии мутадовил дар манотиқи марказӣ ва ҷанубии Эрон баъзе тафовутҳои лаҳҷавӣ вуҷуд доштааст. Дар форсии мутадовил дар Хуросон аносири қарзӣ аз портӣ (яъне паҳлавӣ) бештар буда ва форсӣ дар манотиқи марказӣ ва бавижа ҷанубӣ ба паҳлавӣ (яъне порсии миёна) бештар шабоҳат доштааст. Ин ихтилоф табъан дар замони Сосониён низ вуҷуд доштааст».

### Порсӣ ва манзалати он дар давраи Сомониён ва Ғазнавиён

Пас аз ислом ва зуҳури Сомониён дар сарзамини Хуросони бузург, ки Тоҷикистон аз он қабил ба шумор меомад, ин давронӣ эҳёи фарҳанги бостонӣ ва рушди бештари лаҳҷаи форсии тоҷикӣ будааст, ки аз ҷонишинони забони паҳлавӣ шуд.

Сомониён, ки дар эҳёи маданияти бостонӣ ва ниёгон нақши бисёр самаранок доштанд, аз деҳаҳое ба ҳамин ном дар марзи қаламрави Эрони қадим ва Тоҷикистони кунунӣ бархоста шуд. Сомониён муҳимтарин давлат дар Осиёи Марказӣ баъд аз тасаллути ислом буданд ва дар минтақае ҳукмронӣ карданд, ки дар қаламрави хок ва сарҳадҳои имрӯзии Тоҷикистон мебошад. Эраҷ Вамқӣ – адиб ва забоншиноси эронӣ, ки аз ин майдон бо номи зебои «Дунёи Наврӯзиён» ном мебарад, мегӯяд: «Дунёи наврӯзиён фарҳанги муштаракест, ки беш аз ҳазор сол бар паҳнои густурдае аз Осиё ва Осиёи Миёна соя афканда ва дилҳои миллионҳо танро аз Лоҳур то Балх, Бомиён ва аз Самарқанду Бухоро то халиҷи Форс ба ҳам пайванд додааст. 700 сол аст, ки мардумони ин паҳнои густурда бо шеърҳои Ҳофизи Шерозӣ мехонанду рақс мекунанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

***Садорати адлияи вилояти Самарқанд барои ҷавононе, ки ба масъулони ин сохтор вобаста карда шудаанд, корҳои шоёнро анҷом медиҳад. Дар ин самт таъмини шуғл, омӯхтан ва ҳал намудани мушкилоти онҳо вазифаи устувор мебошад. Аз ҷумла, 10 нафар ҷавонони маҳаллаи Тадбиркори ноҳияи Пахтачӣ, ки ба замин ниёз доранд, ба Маркази хидматҳои давлатии ноҳия вобаста карда шуданд.***

# БА ҶАВОНОНИ ПАХТАЧӢ ЗАМИН ҶУДО КАРДАНД

Роҳбарияти марказ чораҳои зарурӣ андешида, барои иштирок дар музояда имзои рақамиро ба даст овард. Ба 10 нафар ҷавононе, ки дар музоядаҳои онлайн ғолиб омадаанд, қитъаҳои замин ҷудо карда шуд. Онҳо метавонанд дар ин заминҳо дар асоси тамоюли «Як мавзеъ — як маҳсулот» сабзавот, картошка, зироати лӯбиёгӣ, гулу гиёҳҳои шифобахш ва дигар маҳсулотро парвариш намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки 60 ҳазор гектар замини захираи ҳокимияти ноҳияҳо ба музоядаҳои электронии онлайн гузошта шуда, барои ташкили хоҷагиҳо ба ҷавонон ба иҷора дода мешаванд.

Ғолибони музояда имкон доранд, нархи қитъаи заминро бо қисмҳои баробар дар мӯҳлати 10 сол бидуни фоиз пардохт кунанд.

Чунин ислоҳоти мақомоти адлия дар самти дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон ба таъмини шуғл ва афзоиши даромади онҳо хизмат мекунад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ИДИ ГУЛҲО – ИДИ АМНИЯТ

***Дар Намангон фестивали байналхалқии «Иди гулҳо» сар шуд. 63 сол аст, ки гузаронидани он ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ин ҷашнвора ғайр аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз якчанд мамлакати хориҷӣ меҳмонон ва дӯстдорони гул иштирок менамоянд. Тантанаҳои фестивал аз дарвозаи рамзии вилоят бо иштироки мошинҳое, ки бо гулҳои рангоранг ҷиҳозонида шудаанд, оғоз ёфт.***

Ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов ба сухан баромада, фестивалро кушода эълон кард. Таъкид намуд, ки ҳоло дар мамлакати мо, ки халқҳои гуногунмиллат истиқомат мекунанд, сулҳу амният, дӯстиву оқибат, тинҷиву осудагиро бо рамзи гулҳои рангоранг ба ҷаҳониён пешкаш менамоянд. Барои гузаронидани ин иди дӯстӣ ҳамаи масъулон аз таҳти дил кӯшиш карданд. Ҷашнвора дар боғҳои «Янги Ӯзбекистон», «Афсоналар водийси», «Хиёбони адибон» ва боғи фарҳанги ба номи Заҳириддин Муҳаммад Бобур 40 рӯз давом мекунад. Сол аз сол иди гулҳо такмил ёфта истодааст ва ба иштирокчиён, хусусан ба меҳмонони хориҷӣ низ кайфияти аъло, завқу шавқи беҳамто мебахшад.

Дар ифтитоҳи фестивал як қатор меҳмонони хориҷӣ, аз ҷумла, аз Покистон губернатори вилояти Панҷоб Муҳаммад Сарвар Чаудхри, сафири Давлати Қатар дар Ӯзбекистон Ҳасан Ҳамза Ҳошим, сафири Булғория дар Ӯзбекистон Стуюна Русинова, сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, аз вилоятҳои Ҷалолободи Қирғизистон, аз вилояти Суғди Тоҷикистон вакилони расмӣ ташриф оварданд. Сармоядорон ва сайёҳон, ки аз Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, ИМА, Ҷопон, Русия, Ҳиндустон, Покистон, Қазоқистон ва Туркия омадаанд, таассуроти худро баён карданд.

– Дар пойтахти Ӯзбекистон дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ фаъолият дорем, – мегӯяд соҳибкори турк Ҳасан Йеди Йилдиз. – Дар бораи иди гулҳо шунида будем, аммо ин хел тасаввури баланд надоштем. Ман шахсан дар бисёр мамлакатҳои бузурги хориҷӣ бо корҳои тадбиркорӣ ҳузур доштам ва ин хел фестивалро надидаам. Ба дониш ва кордонии гулпарварони намангонӣ ҳавасам омад. Бовар дорам, ки онҳо дар ин соҳа таҷрибаи бой доранд.

– Дар мамлакати мо низ «Иди гулҳо» баргузор мегардад. Бо мақсади дидани иди гулҳо омадем, ки аз иди миллии мо фарқе дошта бошад ё не. Дар кишвари мо иди гулҳо бо воситаи мошинҳои бо гулҷиҳозонидашуда мегузараду бас. Дар ин фестивал иштирокчиён бисёранд. Ин маънии онро медиҳад, ки дар кишваратон хотирҷамъӣ, ҳама шоду масрур, кайфияти идона доранд. Одамони гуногунмиллат, ки дар бар либосҳои миллӣ пӯшида буданд, диққати моро ба худ ҷалб кард, – мегӯяд меҳмон аз Ҷопон Кио Канеда.




Ҳамкасбонамон – мухбирони «Овози тоҷик»-ро, ки дар ҷашнвора иштирок доранд, ба суҳбат ҷалб кардем:

– Сафари худро аз Косонсой оғоз намудем, – мегӯяд апаи Саодат Бекназарова. – Дидем, ки дар ҳар як маҳаллаву кӯча гулҳои рангоранг чаман шуда, ба атроф таровати хуш мебахшад. Кайфияти бошандагон низ гул барин шукуфон. Ин ҳолати аҷиб ба мо таассуроти калон гузошт. Ҳар сол иди гулҳоро аз телевизор тамошо мекардем. Имсол ҳамчун иштирокчӣ ҳар як намоиши маданию маърифатӣ, композитсияҳое, ки аз гулҳо офарида шудаанд, дидан кардем. Ҳар як ташкилот, корхона, ноҳияву маҳалла бо рамзи ҳудуд ва урфу одатҳои худ, ки бо гулҳо ифода кардаанд, иштирок карданд. Ҳатто дидан мумкин аст, ки гулпарварони хориҷӣ низ дар озмун гулҳои бетакрори худро пешкаш менамоянд.

Ҳақиқатан ҳам дасти инсон гул аст. Ҳаводорони рамзи зебоӣ, муҳаббат, меҳр ва дӯстиро ба ин ҷашнвора таклиф менамоем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

Фестивал

# САД ТАОМУ САД МАЗА



**Дар майдони ба номи Абурайҳон Беруни пойтахт фестивали XX анъанаҳои фарҳангӣ ва хӯрокҳои миллии халқҳои ҷаҳон баргузор гардид, ки дар он намояндагиҳои сафоратҳои хориҷа ва дигар ваколатхонаҳо, инчунин баъзе ҳавзаҳои хӯроки миллӣ ва фарҳангӣ аз Ӯзбекистон низ иштирок доштанд.**

Мисли ҳамеша фестивалро Бюрои хидматрасонии корпуси дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ӯзбекистон баргузор намуд.

Дар фестивал даҳҳо сафоратхонаҳои хориҷӣ бо таому намоиши анъанаҳои фарҳангӣ ва миллии худ ширкат намуданд. Дар ҳар ғурфа хӯрданиҳои ҳам болаззат ва ҳам тунди кишвар ва қавмҳои мухталифи ҷаҳон рӯйи суфра гузошта шуда буд.

– Мо имсол низ бо мамнунӣ ин даъватро қабул намудем ва бо матои сӯзанӣ, ҳунарҳои пурғановати мардумӣ, атлас ва адрас, туҳфаҳои хотиравӣ аз сафол ва чӯб, сангҳои рангаи Тоҷикистон, корду теғҳои истеҳсолнамудаи ҳунармандони кишварамон дар он ширкат менамоем, – мегӯяд сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода. – Мо инчунин палави болаззати тоҷикӣ таҳия намудем, ки он зуд тақсим шуд.

Бояд қайд кард, ки тамоми маблағи бадастомада аз фурӯши тамоми таом ва маҳсулоти дигари ҳунарӣ бо роҳи хайрия ба муассисаҳои бачагонаи кишвар тақсим карда мешавад.

**Т. МИРҲАЁЕВ.**

# АВВАЛИН КИТОБҲО АЗ ҲАЗОР КИТОБ БАРОИ ҶАВОНОН

**Охири соли гузашта қарори Президент «Дар бораи чораҳои ба амал баровардани лоиҳаи «Ҳазор китоб барои ҷавонон» ба имзо расида буд. Мувофиқи он беҳтарин ҳазор китоби дунё бояд интихоб ва ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда шавад.**

Рӯйихати китобҳо аз ҷониби Шӯрои экспертҳо иборат аз олимони варзидаи соҳаҳои илму фан, маданият, санъат ва адабиёт, ҳамчунин мутахассисони пешбари Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва Кумитаи корҳои динӣ давра ба давра мураттаб гардонда мешаванд. Дар интихоби беҳтарин китобҳо аҳолӣ низ бо роҳи овоздиҳӣ метавонад иштирок намояд. Ҳуқуқ доир ба тарҷима ва чопи асарҳо ба тасаруфи Агентии кор бо ҷавонон дода шудааст. Нусхаҳои электронии китобҳое, ки ба нашр расидаанд, дар вазъи созиш бо ҳуқуқи муаллифӣ ба Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ва китобхонаҳои сохтори Академияи фанҳо беғаразона тақдим карда мешавад.

Инак, аввалин китобҳо аз ҷониби нашриётҳои гуногун аз чоп баромаданд ва ба дасти ҷавонон расиданд. Онҳо асосан асарҳои илмӣ-оммавии эътирофшуда мебошанд.

**Барои омӯзгорони литсейҳои академӣ ва муассисаҳои таълими касбӣ санҷишҳои аттестатсионӣ оғоз ёфт.**

# САНҶИШҲОИ АТТЕСТАТСИОНӢ БАРОИ ПЕДАГОГҲОИ ЛИТСЕЙ ВА ТАЪЛИМИ КАСБ

Санҷишҳо рӯзе дар ду баст (аз соати 10 то 12 ва аз соати 14 то 16) гузаронида мешаванд. Маълумотҳо доири объектҳое, ки дар онҳо санҷиш мегузарад, дар сайтҳои сохтор ҷойгир сохта шудаанд. Рафти санҷишҳоро, ки пурра таҳти видеоназорат буда, ба тарзи онлайн транслатсия мешавад, ба тарзи онлайн назорат кардан мумкин.

Санҷишҳо то 24 май давом мекунанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# РӮЗИ ШЕЪРИ ТОҶИК

***20-уми май Рӯзи шеъри тоҷик ва милоди ду абармарди шеъри муосири мо — устодон Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ буд. Мо ба ин муносибат ва санаи сурурбахш бо овардани намунае чанд аз шеъри ду тан ва порае аз арҷгузориашон ба шеъри якдигар иктифо намудем. Фикр мекунем, дар қатраи баҳои пурмуҳтавои онҳо хуршед гунҷидааст.***

*«Шоири номии мо Муъмин Қаноат, ки бевосита калима ба калима, ҳиҷо ба ҳиҷо, сатр ба сатр шеъри маро таҳрир карда, печу хам, пушту рӯ ва сояравшанҳои суханро ба тадриҷ омӯхтааст, дар фанни шеър муаллими ман аст».*

***Лоиқ ШЕРАЛӢ.***

***

*«Лоиқ ягона шоирест, ки кӯшидааст тамоми роҳҳо ва василаҳои тасвирро аз тасвири воқеъӣ то тасвирҳои орифона, ошиқона ва риндона ба кор барад, аз рӯйдодҳои хурду бузург ҳолат ва лаҳзаҳои мухталифро дар қолаби шеъри нав, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, тарона дарорад. Аз «Ҳамосаи зиндагӣ» то «Мадҳияи аҷал» – дар ин паҳнои беохир, қаҳрамони лирикии ӯ андеша меронад».*

***Муъмин ҚАНОАТ.***

**Муъмин ҚАНОАТ**

## НАСИМИ ФОРСӢ

*Аз халиҷи Форс меояд насими форсӣ,*
*Абр аз Шероз меояд чу сими форсӣ.*

*Дур аз ин дарё намеҷӯям, чу дур афтодааст,*
*Аз таги дарё тиҳӣ чашми ятими форсӣ.*

*Мерасад аз киштии бишкаста шеъри бешикаст,*
*Шеър ҳам бишкаст бо панди қадими форсӣ.*

*Шайхро сармаст дидам як шабе аз бӯйи нафт,*
*Рафт бо атри кафан, атру шамими форсӣ.*

## БА ҲАВОДОРОНИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, ай ҷаноб,*
*Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.*
*Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,*
*Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.*

*Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.*
*Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,*
*Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.*

*Баҳри ман танҳо забони модарист,*
*Ҳамчу шири модар аст.*
*Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,*
*Чунки меҳри модар аст.*
*З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,*
*Дӯст медорам варо.*
*Чун навозишҳои гарми модарам,*
*Дӯст медорам варо.*

**Лоиқ ШЕРАЛӢ**

## ДУ ҒАЗАЛ

*Ало, шеъри Аҷам, фардо маро ту зинда хоҳӣ дошт,*
*Ало, шӯри дили дарё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

*Ба зери сангҳои собиту сайёри гардунҳо,*
*Ало, Албурзи побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

*Басе шеъри тари дарё бувад андар лаби дарё,*
*Ало, шеъри тари дарё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

*Агар лак-лак дили покем, як-як дар дили хокем,*
*Ало, фарши зи арш авло, маро ту зинда хоҳӣ дошт,*

*Дилам рӯзе агар аз дарди шеъру ишқ мемирад,*
*Ало, ишқи ҷаҳоноро, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

*Сухан пайдову нопайдои ҳар халқи сухансоз аст,*
*Ало, пайдову нопайдо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

*Ало, Девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар марге,*
*Ало, Девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт.*

***

*Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!*
*Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!*

*Ғунчаҳои пахта механдад зи хандохандашон,*
*Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!*

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод!*

*Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯйӣ чашмае,*
*Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!*

*Гармтар аз оташу равшантар аз хуршеди Шарқ,*
*Бӯсаҳои аввалини дӯстдорон зинда бод!*

*То сухан парвоз омӯзад зи мурғони ҳаво,*
*Лонаҳои мурғакон дар шохсорон зинда бод!*

*Тирборон кардани мо кӯшиши беҳуда аст,*
*Ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон зинда бод!*

# «БО ШЕВАИ ОШИҚОН СУХАН МЕГӮЯМ...»

*Надорам орзуи умри ҷовид,*
*Ватан, бигзор, монад ҷовидона.*
*Ҳамехоҳам аз ӯ баъди сари ман,*
*Ватан монад, Ватан монад нишона.*
***ГУЛРУХСОР.***

18-уми май, ки табиат бо ҳама мӯъҷизаофариҳояш ба фасли баҳор имкониятҳои бештар медод ва гулу гиёҳу настарин бо хуррамӣ ҷилва доштанду раъду тундар ба ин ҷилвагариҳо ҳасад мебурд, саҳни таълимгоҳи рақами 8-уми ноҳияи Сариосиё аз ҳамарӯза дида серодамтар буд. Хонандагони мактаб, падару модарон ва омӯзгорони ин даргоҳ интизори омадани меҳмонон буданд.

Хонандагони мактаб меҳмононро бо байти зерин хуш истиқбол намуданд:

*Даст пеши бар гирифта мо бигӯем, ассалом,*
*Нури дида тоҷи сар, эй меҳмонон ассалом.*

Аз истиқболи гарму ҷӯшон хотири меҳмонон шод ва табъашон болида шуд, гулу гулдастаҳои хушбӯй, ки хонандагон худ аз боғҳои маҳаллӣ маҳз барои меҳмонон чида буданд, ба Гулрухсор Сафиева писанд омад ва онҳоро бӯйида ба минбар баромад. Маҳфили адабие, ки ба муносибати ташрифи шоира, шаҳбонуи назми адабиёти муосири тоҷик, дорандаи якчанд ҷоизаҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла, ҷоизаи «Қанди порсӣ» Гулрухсор Сафиева ва адабиётшинос Анзурати Маликзод, ки аслан аз Сариосиё аст, доир гардид, бо суханони муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик Илҳом Хидиров ва мисраъҳои шеъри Гулрухсор ҳусни оғоз гирифт. Шоир зимни суханрониаш хушбаён қайд намуд, ки дар тӯли солҳои зиёде, ки бо Анзурат дӯстӣ дорад, орзуи дидани зодгоҳу дабистони таълимгирифтаи ӯро дошт.

Ӯ дар фароварди суханаш: «Ба ин таълимгоҳи шумо ман дасти холӣ наомадаам» гӯён китобҳои зиёдеро ҳамчун армуғон ба китобхонаи мактаб ҳадя кард.

Анзурати Маликзод – таҳқиқгар ва адабиётшинос, дар бораи роҳи тайнамудаи илмии худ ва мавқеи баланд доштани илму дониш сухан ба миён овард.

Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, эҷодкор Нарзулло Муродуллоев ба шоир ва нависандаи хушзавқ Гулрухсор ва Анзурати Маликзод барои ташриф ба ин даргоҳ, ки садҳо донишмандонро парваридаасту Анзурат яке аз онҳост, изҳори хушнудӣ намуд.

Хонандагони мактаб аз эҷодиёти Гулрухсор шеърҳо қироат намуданд. Дар фароварди маҳфил роҳбари гурӯҳи ҳунарии «Гулшан» Ҳусин Шарифӣ бо суруде хотири ҳамаро шод гардонид.

Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилоят ва бахши тоҷикии факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз низ тасмим гирифтанд, ки бо шоира вохӯрии хотирмон ва пурмазмун доир созанд. Меҳмонон қудуми муборакашро ба остонаи донишгоҳ гузоштанду ин маскани илмро боз ҳам пуранвортар намуданд. Устоди донишгоҳ ва мудири кафедра Рамазон Абдуллоев меҳмононро хайра мақдам гуфт. Гулрухсор суханони хешро бо шоҳбайти Ҳофизи бузург оғоз намуд:

*Дилро ба дил раҳест дар ин гунбади сипеҳр,*
*Аз рӯйи кина кинаву ба ҷои меҳр меҳр.*

– Аз сари нав боз шудани дарвозаҳои дӯстӣ ва меҳри гарму самимии шумоён моро ба ин ҷо овард, – гуфт бо самимияти ба худ хос Гулрухсор. – Баробари меҳру муҳаббат ва самимияти хеш, саломи паёми халқи шарифи Тоҷикистонро бароятон овардам. Ба фикрам, эҷодкор ба ҷуз сухан ва китоб дастовези беҳтаре надорад. Аз ин рӯ, бисотамро таку рӯ намуда, китобҳое, ки тӯли солҳо дар ватану хориҷи кишвар ба чоп расонидаам «чун барги сабз – тӯшаи дарвеш» бароятон армуғон овардам, – гӯён китобҳои нодири хешро ба китобхонаи кафедра супорид.

– Ман ва бисёре аз мухлисонатон аз даврони мактабхонӣ, донишҷӯйӣ ва то имрӯз орзу мекардем, ки ба дидори Шумо, устоди азиз мушарраф гардем, – гуфт Рамазон Абдуллоев. – Мутаассифона, солиёни зиёд роҳҳо ва марзҳо баста буду мо ба орзуи худ намерасидем.

Чун навбати сухан ба Гулрухсор расид, аз шеърҳои ноби хеш қироат намуд.

Ӯ сухан мегуфту шеър мехонд ва мавҷи кафкӯбиҳо то дергоҳ идома меёфт. Анзурати Маликзод ва шоири ҷавон Иброҳим Дӯстализода ҳам дар ҳаққи шоира ҳарфҳои самимӣ гуфта, хидматҳои мондагори ин бонуи хушсурату хушсират ва шеърпардозро дар ҷодаи илму фарҳанги кишвару миллат ёдовар шуданд. Шоир ва мутарҷим Юсуф Ализодаи Дарбандӣ, устоди кафедраи забон ва адабиёти тоҷик ва забонҳои Шарқ Илҳоми Насафӣ, шоир Саидаи Синавӣ, рӯзноманигор Сурайёи Норманӣ низ барои ташриф ба меҳмонон арзи сипос намуданд ва аз шеърҳо қироат карданд.

Бино ба нақшаи сафар меҳмонон роҳи ноҳияи Сариосиёро пеш гирифтанд...

Саҳни ҳавлии мактаби таълими умумии рақами 82-юми ноҳияи Сариосиё намуди идона дошт. Шогирдон бо сару либоси миллӣ ва дастагулҳои тару тоза саф кашида, интизори меҳмонони олиқадр буданд.



Пас аз истиқболу пазироӣ меҳмонон нахуст китобхонаи сариштаву озода ва дорои 2000 адад китобҳои бадеии маърифатгоҳро тамошо карданд. Мудири китобхона Рухшона Сафарбоева мужда дод, ки 350 нафар аъзои китобхона мунтазам аз дурдонаҳои беназири адабиёти форс-тоҷик ва дигар халқҳо бархурдор мегарданд.

Пас аз он дар мактаб бо иштироки меҳмонон маҳфили шеъру адаб оғоз гардид. Директори таълимгоҳ, шоир ва ровӣ Саодат Сангинова меҳмонони гиромиро ба ҷамъомадагон муаррифӣ намуд.

Гулрухсор Сафиева суханро бо чунин мисраъҳои пурташроват аз ашъори худ оғоз намуд:

*Бо шеваи ошиқон сухан мегӯям,*
*Бо лаҳҷаи орифон сухан мегӯям...*

Дар ҷараёни маҳфил Гулрухсор аз ашъори тозаи хеш намунаҳо қироат кард.

Ҳунарнамоии шогирдони мактаб, ки як барномаи хубу пурарзиш аз шеъру тарона ва рақсҳои ҷолиби тоҷикӣ омода намуда буданд, бешубҳа, мавриди писанди меҳмонон гардид.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**Илҳом ХИДИРОВ,**
**Солеҳ МУҲАММАДҶОН.**

*Вилояти Сурхондарё.*

# ХОСТГОҲИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Забони форсӣ, ки дар давраи Ғазнавиён ба Ҳинд роҳ ёфт, бо таъсиси империяи Ғуркониён дар Ҳиндустон ба авҷи пешрафти худ расид ва забони расмии Ҳинд шуд. Шоирони бузурге ҳамчун Бедили Деҳлавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва дастгоҳи шеърии сабки ҳиндиро дар худ парварондаанд. Бахшҳои зиёде аз таърих ва адабиёти Ҳинд ба ин забон нигошта шудаанд. Аммо пас аз истеъмори англис дар соли 1832 бо иҷбор забони англисиро ҷойгузини забони форсӣ карданд. Англисҳо мутаваҷҷеҳ шуданд, ки забони форсӣ қарнҳо дар Ҳинд буда ва мабоҳиси илмӣ ва фарҳанг ва таърих ба забони форсӣ ва дар адабиёт форсӣ ҳифз шуда буд.

Онҳо мехостанд, ки ин иртибот бо наслҳои баъд қатъ шавад ва мардум ва тамаддуни Ҳинд, аз ин мерос дур бишавад. Ин як тавтеаи бузург буд, ки дар он замон мардум, ё хеле мутаваҷҷеҳ нашуданд, ё ин ки маҷбур буданд ба он тан диҳанд. Баъдҳо ҳам инҳо забонҳоро бо гурӯҳҳои мардуми мухталиф вобаста карданд ва аз тариқи ин сиёсат баъд мардум фикр карданд, ки забони форсӣ як забони хориҷӣ аст, ё он забони як гурӯҳи хос аст ва ба ин далоил забони форсиро нодида гирифтанд...

## Арзиш ва моҳияти илмиву адабии забони форсӣ (тоҷикӣ)

Забони форсӣ асолати фарҳанги Эронзаминро дар бистари тамаддунсози ислом ҳифз кард. Дар ҳолу ҳавои имрӯз забони муштараки мо дарахти борвареро мемонад, ки решаҳои амиқу тани маҳкам ва се шохаи маҳками тоҷикӣ, дарӣ ва форсии Эронро дорад. Қонуни аслии ашъори Фирдавсӣ ҳам тамоми қаламрави забони форсӣ монанди Эрону Афғонистон ва Тоҷикистон аст. Забони форсӣ қаламрави маънавие аст, ки ҳамаи форсизабонон сокинони он ҳастанд ва арзишҳои мавҷуд дар ин қаламрав ба якояки сокинони он тааллуқ дорад.

## Осиёи Марказӣ гаҳвораи забони форсӣ-тоҷикист

Донишманди машҳури эронӣ Саид Нафисӣ навиштааст: «...забони имрӯзи мо дар ҳамон навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, нахуст падидор шуда, ... забони саросари Эрон гардидааст».

Пайғамбарамон Муҳаммад (с.а.в.) бо ифтихор гуфтаанд: «Валадату ано фи замони-с-султони-л-одил», яъне Ман дар замони подшоҳи одил таваллуд ёфтаам. Дар замони таваллуди Расули Худо (с.а.в.) дар қаламрави арабҳо ҳанӯз давлатдориву давлати ягона набуд, ин ҷо шоҳи сулолаи Сосониён Хусрави 1-и Анӯшервони Одил (ҳукмрониаш 531-579) дар назар дошта шудааст. Ба саволи чаро қабилаҳои араби оду самуд нобуд шуданду форсҳо не? Сарвари коинот (с.а.в.) посух доданд: «Барои он ки форсҳо ободонсозанд ва додгустаранд миёни бандагони Худо». Инчунин, аз ҳадисе бо мазмуни «Илм дар Сурайё бошад ҳам, форсҳо онро ба даст меоранд» хабардорем. Зарбулмасали босниягӣ низ ҳаст: «Агар хоҳӣ ба биҳишт бирасӣ, бояд забони форсӣ бидонӣ». Бо такя ба устод Муҳсин Умарзода метавон ёдовар шуд, ки ҳатто дар Қуръон як саду сенздаҳ калимаи тоҷикӣ дар шакли арабишуда истифода шудааст.

Адиби бузурги Олмон Иоҳан Гёте (1749-1832) ба осори адибони Шарқ, хусусан форс-тоҷик рағбати зиёд дошт. Ӯ гуфтааст, ки форсизабонҳо ҳафт танро паёмбарони шеър меҳисобанд, ҳол он ки чандин бузургони дигар низ мавҷуданд, ки аз ман чандин зина болотаранд. Ӯ мафтуни ғазалиёти Ҳофиз гашта, бо осори Фирдавсӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдӣ ва Ҷомӣ ошно шуд, дар ҳамин замина «Девони ғарбию шарқӣ»-ро навишт.

## Ҷойгоҳи забони форсӣ дар Афғонистон

Бештари манотиқи Афғонистон хостгоҳи забони форсӣ ва мафохири он будааст. Касоне монанди Мавлавӣ, Саноӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дар давраҳои мутааххир, Халилуллоҳи Халилӣ, Босили Кобулӣ ва нависандагони муҳим ва барҷастае дар Афғонистон зуҳур кардаанд. Китоби «Таърихи Систон» ба эҳтимоли қавӣ ба василаи нависандае аз манотиқи маркази Афғонистон навишта шуда ва «Чаҳор мақола»-и Арузӣ низ дар Афғонистони кунунӣ таълиф шудааст. Дар канори он, китобҳои зиёде ба забони форсӣ дар Афғонистон навишта шудаанд.

Ғайр аз он, бештари мардуми Афғонистон ба форсӣ такаллум мекунанд. Бахши умдаи мардуми Афғонистон форсизабон ҳастанд ва онҳое ҳам, ки форсизабон нестанд, монанди ӯзбекҳо, туркманҳо, паштузабонҳо ва паштунҳо, форсидон ҳастанд, яъне агарчи забони онҳо форсӣ нест, забони форсиро медонанд. Дар Кобул, пойтахти Афғонистон, мардум форсизабон ҳастанд ва дар онҷо форсӣ дар ҷараён аст, на забони пашту...

Албатта, пеш аз он низ ҳокимони Афғонистон паштун буданд ва забони модарии онҳо пашту буд, аммо онҳо форсидон буданд.

Аз замони ташкили ҳукумати Дуронӣ, ки ҳукумати Афғонистон бо он шинохта мешавад, бо вуҷуди ин ки онҳо паштузабон буданд, хусумате бо забони форсӣ надоштанд ва ин равия ҳудуди 150 сол идома дошт.

## Чанд андешаву мулоҳизот ва пешниҳодоти хос аз муаллиф

Кишварҳои форсизабонро як маркази танзими забони форсӣ зарур аст, ки гуишҳои гуногунро ҳамоҳанг гардонад, ҳар як калимаву ибораи навро дар як вақт ва бо як шакл ба мардуми форсзабон шинос намояд ва қоидаву меъёрҳои забони форсӣ дар ҳама ҷо истифодаи якранг дошта бошад. Чунин аст сарнавишти ҳар як забони бузург ва ба забони форсӣ (беҳтараш порсӣ) ҳам бояд мо чун фарзандони меҳрубону хирадмандаш ояндаи сазоворро фароҳам оварем. Панди устод Фирдавсӣ ҳамин аст:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Пешниҳоди дигар ин аст, ки баҳри устувор ва побарҷо нигоҳ доштани забони форсӣ миёни аҳли башар ва мамлакатҳои гуногун моро зарур аст, то дар ин асри технология ва инноватсия як барномаи электронии мобилиеро бо номи «PERSIAN WORDS» таҳия намоем, то он тавонад фарогири вожаҳои комили забони форсӣ бошад ва дар як қисми ин барномаи электронӣ аз таърихи ташаккулу таҳаввули ин забони қадимии мардуми форсизабони дунё маълумотҳои таърихӣ бо факт ва далелу мисолҳои мушаххас ҷойгузин карда шаванд.

**Умедҷон АМОНӢ,**
**мутахассиси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**


Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-528.
Адади нашр 4242. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00



Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.